1939/7.1-9
д 11.02.19

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки ҳуқуқи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассиса ва корхонаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ асос ёфта, тартиби иҷрои саривақтӣ ва босифати онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1339 «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», танзим менамояд.

Дар робита ба ин, аз таҳлили вазъи воридот ва баррасии муроҷиатҳо маълум гардид, ки дар соли 2018 ба Кумитаи андоз дар маҷмӯъ 37782 муроҷиати шаҳрвандон ва андозсупорандагон, аз ҷумла 1537 муроҷиати хаттӣ, 169 муроҷиати шифоҳӣ, 33430 муроҷиати телефонӣ тавассути Бахши иттилоотӣ (Контакт-сентр), 2646 муроҷиати электронӣ тавассути почтаи электронии Кумитаи андоз ва бо тариқи онлайн «Чат» ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2017 дар маҷмӯъ 22674 муроҷиат зиёд мебошад.

Таҳлили шакли муроҷиатҳо, муайян намуд, ки дар ҳамин давра дар маҷмӯъ 1583 аризаҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар шакли хаттӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2017 дар маҷмӯъ 70 адад кам мебошанд. Яке аз омилҳои кам гардидани муроҷиатҳои хаттӣ ин пеш аз ҳама дар моҳи декабри соли 2017 ҷорӣ гардидани Системаи мултимедиявии бетавaққуф амалкунандаи “Контакт – сентр”-и “Avaya” дар Бахши иттилоотии Кумитаи андоз асос мeёбанд.

Системаи мазкур ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз имконият медиҳад, ки дар як вақт тавассути гуфтугӯи бевоситаи телефонӣ, сомона, почтаи электронӣ ва бо истифодаи усули “Чат” дар низоми вақти мустақим, муроҷиатҳо бо се забон дар шакли автоматӣ қабул, коркард ва ба онҳо ҷавоб гардонида шавад.

Маҳз, дар муҳлати кӯтоҳ, муфассал тавассути гуфтугӯи телефонӣ, сомона, почтаи электронӣ ва бо истифодаи усули “Чат” дар режими онлайн қонеъ гардидани муроҷиати андозсупорандагон, кори онҳоро осон намуда, боиси кам гардидани муроҷиати хаттӣ ва афзудани муроҷиатҳо дар шакли электронӣ гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон санаи 26 декабри соли 2018 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз муносибати баъзе мақомотҳо, ташкилоту муассиса ва корхонаҳо дар самти кор бо мурочиатҳои сокинони кишвар изҳорӣ нигаронӣ намуданд.

Мардум барои ҳифзи ҳуқуқҳояшон, ҳалли масъалаҳои гуногун ва тантанаи боадолатонаи мушкилоташон пайваста ва бо боварӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор мурочиат менамоянд. Вале, ҳанӯз ҳам дар мавриди қабули шаҳрвандон ва баррасии мурочиатҳои онҳо дар фаъолияти мақомоти андоз камбудиҳо мавҷуданд.

Дар робита ба ин, мақомотҳои ҳудудии андоз огоҳ карда мешаванд, ки ташкили кор бо мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, таъмини иҷрои пурраи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва «Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Кумитаи андоз ва сохторҳои зертобеи он»-ро, ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 27.10.2017, №489 тасдиқ карда шудаст, вазифаи аввалиндараҷаи хизматии худ шуморанд.

Бо назардошти он, ки мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, яке аз омили муҳими робитаи халқ бо давлат ва афзудани эътиқоди мардум ба мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти андоз мебошад, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки иҷрои тадбирҳои зеринро таъмин намоянд:

- қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи муқаррароти қонунгузорӣ шаффоф, одилона, бо муносибати хайрхоҳона ба роҳ монанд ва ҳамаи муроиҷиҳатҳоро тибқи тартиби муқарраршуда ба қайд гиранд;
- қабули шаҳрвандони маъюб, нафақагир, пиронсолон, ятимон ва занҳои бо кӯдаки хурдсолро дар навбати аввал ва аз ҷониби роҳбарият ба роҳ монанд;
- дар сурати аён будани ҳолатҳои дар мурочиати шифоҳӣ иброзгардида ва санҷиши иловагиро талаб накардани онҳо, ба мурочиаткунандагон фавран меъёрҳои ҳуқуқӣ фаҳмонда дода шаванд;
- барои дар вақти мурочиати шифоҳӣ ҳал кардани масъала чораҷӯӣ намуда, ба такроран мурочиатнамудани шаҳрвандон роҳ надиҳанд;
- ҷавобҳои рӯякии беасос ба мурочиатҳои шаҳрвандонро пешгирӣ намоянд;
- тибқи қонунгузориҳои амалкунанда қуттии қабули аризаҳо, ҷадвали қабули шаҳрвандон ва овезаҳои маълумотдиҳандаро дар ҷойҳои муносиб муҷаҳҳаз гардонанд;
- ба мурочиаткунандагон имконият фароҳам оваранд, ки ба фаъолияти мансабдор ё мақоми қабулкунандаи арзу шикоят дар шакли анкета, дафтару фикру мулоҳизаҳо ва ғайра баҳогузорӣ намоянд.

Таъмини иҷрои тадбирҳои мазкур барои боз ҳам беҳтар шудани самаранокии робитаи мақомоти андоз бо шаҳрвандон, зиёдтар қонеъ гардидани мурочиати шаҳрвандон, бештар шудани эътиқоду боварии

халқ ба давлат, баланд гардидании обрӯю эътибори мақомоти андоз, пешгирии мурочиатҳои такрорӣ мусоидат менамоянд.

Бинобар ин, Шуморо вазифадор менамоем, ки оид ба моҳияти дуруст татбиқ гардидани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Кумитаи андоз ва сохторҳои зертобеии он», ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 27.10.2017, №489 тасдиқ карда шудаст ва мактуби дастурии мазкур бо кормандони мақомоти андоз корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, аз натиҷаи он тибқи тартиби муқарраргардида протокол тартиб дода, то санаи 15.03.2019 ба Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намоед.

Раис Н. Давлатзода